# ФАСЛИ САРМО БИГУЗАШТУ ГУЛУ СЕБАРГА ДАМИД, БА ЗАМИН МУЖДА РАСОНЕД: БАҲОРОН ОМАД.


*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

15 марти соли 2023

№ 6-7 (175-176)


## ИҚТИБОСҲО

### аз Паёми шодбошии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар

Ба оғози баҳор ва давраи омодагӣ ба Наврӯз рост омадани Рӯзи модар рамзи ҳамоиши ду неруи бузурги зиндагиофар аст.

Зеро агар Наврӯз оғози эҳёи табиат бошад, зан – модар офарандаи ҳаёти инсонӣ мебошад.

Ба ибораи дигар, зиндагии аҳли башар аз домони поки модар ва шири сафеду ҷонбахши ӯ сарчашма мегирад.

***

Бо самимияту дӯстдорӣ ва муҳаббату қадршиносӣ ҷашн гирифтани Рӯзи модар дар кишвари мо нишонаи эътибору эҳтироми давлату Ҳукумат ва мардуми мамлакат ба модар ва қадру манзалати шоистаи ӯ мебошад.

***

Модар мураббии нахустини инсон, субҳи гулафшони баҳор, хуршеди ишқу муҳаббат, паёмовари сулҳу сахо ва дарёи бепоёни меҳр аст.

Маҳз ба ҳамин хотир, модарро дар адабиёти ҷаҳонӣ «фариштаи меҳр» ва «мавҷуди муқаддас» номидаанд.

***

Занону бонувон ва хоҳарону духтарони мо имрӯз бо рафтору гуфтори нек, андешаи солим, нангу номус ва маҳорату кордонии худ дар ободиву пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми басо арзишманд доранд.

***

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти нақши муассири занону бонувон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занону модаронро яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати худ қарор додааст.

***

Имрӯз занону бонувони тоҷик ҳамчун аъзои Ҳукумат ва вакили парламент, инчунин, дар мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ масъулияти идоракуниро бошарафона иҷро мекунанд.

Онҳо дар баробари ин ки сиёсатмадор, омӯзгору табиб, муҳандис, энергетик ва варзишгаранд, ҳамчун олиму ихтироъкор, ҳунарманду эҷодкор, хоҷагидору соҳибкор ва муҳофизи Ватан фаъолият доранд.

***

Ҳоло 25 фоизи хизматчиёни давлатии кишвар, аз ҷумла, 20 фоизи кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувон мебошанд.

Занону бонувон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, хизматрасонии иттилоотӣ, бонкдорӣ ва дигар бахшҳо аксариятро ташкил медиҳанд.

***

Занону бонувони тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ собит намуданд, ки дар эҳёи ҳунарҳои миллӣ, таъсиси коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ ва соҳаи кишоварзӣ таҷрибаву маҳорат ва малакаву қобилияти баланд доранд.

Мо хуб дарк мекунем, ки модари озоду солим ва донишманду эҷодгар сарчашмаи хонаи обод, ҷомеаи солим, манбаи рушди илм, омили ташаккули хиради халқи эҷодгар ва кафили сулҳу суботи устувори мамлакат мебошад. Соҳиби саводу маърифат ва илму дониш будани занону бонувон асоси оилаи солим ва албатта, омили муҳимтарини пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

***

Мо ифтихор дорем, ки духтарони тоҷик дар мусобиқаву озмунҳои байналмилалӣ ғолиб омада, парчами давлати тоҷиконро баланд мебардоранд.

Модарону бонувон як масъалаи муҳимро бояд дар хотир дошта бошанд, ки мо дар асри пешрафти бесобиқаи илму техника ва технологияҳо зиндагӣ дорем.

Агар мо хоҳем, ки фарзандонамон дар ҳаёти ояндаи худ азияту муҳтоҷӣ накашанд, бояд ба онҳо барои омӯхтани илму дониш, махсусан, илмҳои риёзиву дақиқ ва аз худ кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ шароит фароҳам созем.

***

Модарону бонувон дар ҷомеаи мо, дар ҳақиқат, неруи бузурги созанда, тарбиякунанда ва пешбаранда мебошанд.

Мо ба ҳунару истеъдод, кӯшишу ғайрат, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарону бонувони азизамон таҳсин хонда, бо эътимоди комил иброз медорем, ки онҳо дар оянда низ дар татбиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати мамлакат, пешрафти давлат, ободии Ватан ва осудагии ҷомеа нақши шоистаи худро мегузоранд.

***

Бовар дорам, ки занону бонувони мо барои пешгирӣ кардани паҳншавии хурофот, андешаҳои ифротӣ ва расму ойинҳои фарҳангии бегона фаъолона саҳм мегузоранд.

***

Мо вазифадорем, ки модарону бонувонро ҳамчун чароғи хонадон ва нигоҳдорандаи гармии ҳар як хонаву кошона дӯст дорем, ба қадри муҳаббату бедорхобӣ ва заҳмату талошҳои онҳо расем, эҳтиромашонро ба ҷо оварем ва кӯшиш намоем, ки модарону бонувон ва хоҳарону духтарони мо ҳамеша саломат, хушбахт ва саодатманд бошанд.

## ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ НАВРӮЗИ ХУҶАСТАПАЙ



**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Нахуст ҳар яки шуморо аз номи Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни воқеан ҳам ҷанбаи умумибашаридошта, яъне Наврӯзи хуҷастапай, ки соли 2010 бо ташаббуси Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии сарони кишварҳои Наврӯзро ҷашнгиранда аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалиро касб намуда буд, самимона табрику таҳният гуфта, бароятон тансиҳатию хушбахтӣ ва ободиву осудагии рӯзгорро таманно менамоям.

Наврӯз воқеан ҳам қадимтарин ва маҳбубтарин ҷашни мардуми ориёист, ки бо фарорасии хеш аз оғози зеботарин фасли сол-баҳор мужда медиҳад.

Ин мужда рамзи офариниши ҳаёт, эҳёи табиат ва оғози тозаи зиндагист. Ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист, ки ба шарофати Истиқлоли давлативу озодии Ватани маҳбубамон оини бебаҳои аҷдодӣ-Наврӯз эҳё ва барои рушди минбаъдаи русуми наврӯзӣ ва ҷашнҳои дигар, аз қабили Сада, Меҳргон ва Тиргон заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

Боиси фараҳмандист, ки Наврӯзи имсола дар Ватани маҳбубамон-Тоҷикистони биҳиштосо дар давраи омодагӣ ба 26-умин солгарди ҷашни Ваҳдати миллӣ таҷлил мегардад. Аз ин хотир, ҳар яки моро зарур аст, ки дар баробари боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, корҳои ободонию хуррамгардониро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, иҷрои нияту мақсадҳои дар наздамон гузошташударо таъмин намоем ва ҷашни зикргардидаро бо дастовезҳои арзандаи илмию омӯзгорӣ сазовор истиқбол гирем.

Наврӯз дар ҷаҳонбинии ниёгони мо воқеан ҳам таҷассуми пирӯзии нур бар зулмот, гармӣ бар сардӣ ва хубӣ бар бадӣ мебошад. Ва табиист, ки чунин суннати пурарзиши табиӣ ва инсондӯстонаву хайрхоҳона ба ҳеҷ гуна маҳдудият тобеъ намегардад. Наврӯз ҷашни зироаткорӣ, фарҳанги баланди созандагии инсон ва табиат аст. Олимону муҳаққиқони забардаст Наврӯзро ҳамчун ҷашни тавҳид, ягонагии инсон ва созандагӣ эътироф кардаанд. Наврӯз ҳамчун бузургтарин оини мардумӣ ҳанӯз аз оғози пайдоиши он то ба имрӯз, ки таърихи беш аз шаш ҳазор солро дар бар мегирад, ҳамчун рамзи сари сол, яъне баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат, оғози мавсими киштукор, ибтидои корҳои саҳроӣ ва фаъолияти кишоварзон ҷашн гирифта мешавад.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ иброз доштанд ки: “Ҷашни Наврӯз барои мо-тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳимми худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад. Мантиқу фалсафа ва моҳияту ҳикмати Наврӯз аз донишу хирад, меҳру муҳаббат, сулҳу субот ва шодию нишот иборат буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо барои мардуми мо ҳамчун омили ҳастисозу муттаҳидкунанда хизмат кардааст”.

Наврӯз на танҳо оғози кори марди деҳқон, балки шуруъ гардидани ҳама гуна ибтикороту ташаббусҳои созанда ба хотири боз ҳам ободу пешрафта гардонидани сарзамини аҷдодӣ, тозаву озода намудани манзили зист, сарсабзу гулпӯш кардани хиёбону майдонҳо дар тамоми қаламрави кишвар, аз ҷумла Душанбешаҳр ва донишгоҳи азизамон мебошад.

Бовар дорам, ки шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни азиз анъанаҳои неки созандагию бунёдкориро, ки хоси мардуми шарифи Тоҷикистон аст, идома дода, бо шинонидани гулу гулбуттаҳо ва дарахтони гуногуни сояафкан дар сабзу хуррам гардонидани ҳудуди донишгоҳ ва кӯчаю хиёбонҳои пойтахти кишварамон-Душанбешаҳр саҳми арзанда мегузоред.

Бо ҳамин нияту орзуҳои нек ҷашни Наврӯзи фархундапайро бори дигар бароятон муборакбод мегӯям.

# НАВРӮЗИ ФАРХУНДАПАЙ МУБОРАК!

**Наврӯзи Бузург омад ороиши олам,**
**Мерос ба наздики мулуки Аҷам аз Ҷам.**

Оре, Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии мардуми орийӣ, оғози соли нави шамсӣ, пайвандгари азалии инсон бо табиат, мавсими киштү кори баҳорӣ ва аз нигоҳи илмӣ мизони баробаршавии шабу рӯз, яъне эътидоли баҳорӣ аст, ки онро ҳанӯз Умари Хайём ҳазор сол пеш аз ин дар тақвими солшумории хуршедии худ исбот карда буд. Нобиғаи ҷаҳоншумули тоҷику форс Абӯрайҳони Берунӣ Наврӯзро оғозгоҳ ё пешонии Соли нав ҳисобидааст.

Наврӯз таърихи бедор ва дар айни замон нишонаи равшани бедории таърихи миллати мо мебошад, ки аз замони Ҷамшеди Пешдодӣ шуруъ мегардад. Наврӯз – нахустин рӯзи фарвардин - моҳи аввалини солшумории шамсӣ буда, аз қаъри ҳазорсолаҳо бо ойину суннатҳои неку писандидааш ҳамчун ёдгори ҷовидонаи ниёгони орийёамон то рӯзгори мо расидааст.

Дар сарчашмаҳои бостонӣ омадааст, ки дар ин рӯз Каюмарс нахустин подшоҳ аз модар зода шуд. Тахмурас дар ҳамин рӯзи фаррух девони табоҳкори одамхорро банд сохт ва Фаридун кишвари паҳновари Эронро дар Наврӯз дар миёни фарзандонаш Эрач, Салм ва Тӯр тақсим кард. Наврӯз рӯзи мавлуди Зардушт аст.

Дар ҳама давру замон – 6 ҳазор сол қабл Наврӯз асолат ва ягонагии моро таъмин мекард. Замоне шуд, ки рӯҳи мо ба миллатҳои дигар ворид шуд ва ваҳдати рӯҳонии моро бо қавмҳои дигар ба вуҷуд овард, ҳарфҳои авастоии мо ба ҳарфҳои исломӣ бадал гардиданд.

Вақте ки забонаҳои оташи Искандар дар осмони тахти Ҷамшед фаввора мезад, мо аз оташ мегузаштем, Наврӯз доштем.



Вақте ки Қутайба бо лашкараш киштзорони мо, нони моро таги суми аспҳояш гузошт, мо бо шиками гурусна суруд хондем ва Наврӯз доштем.

Вақте ки Чингиз ҳазорон ҳазори моро ба бандагӣ мефурӯхт, мо бо худ Наврӯзро мебурдем.

Вақте Темур устухонҳои моро ба қисматҳо ҷудо карда, аз онҳо барои сохтмони калламанораҳояш сутун метарошиду хишту тиреза мекард, бо умеди рӯзи нав рӯз ба сар мебурдем.

Вақте байнамон ҷудой меандохтанд, мо боз сари дастархони наврӯзӣ ба ҳам меомадем.

Мо бо Наврӯз боз эҳё мешудем, Наврӯз рамзи ҳастии мо гашт.

Таърих гувоҳ аст, тақвими аниқи ҷаҳонӣ то ба имрӯз дар саросари курраи Замин ченаки ягонаи шумори асру солу моҳ ва рӯзу соату дақиқаву сония маҳсуб мешавад, ҳазорсолаҳо муқаддам на дар Аврупою Амрико, балки дар сарзамини форсу тоҷикнишини мо эҷод шудааст, онро гузаштагони бофаросати мо ба вуҷуд овардаанд. Зардӯшт бо бунёдгузории расадхонае бо афзудани камубеш 11 рӯз баробар ба 365 рӯз ва 5 соату 45 дақиқаю 46 сонияи ба ченаки вақт асос гузошт. Пас аз он соли машидии хуршедиро бо шумурдани моҳе 30 рӯз ва афзудани 5 ё 6 рӯз ба хуршедӣ гардонданд. Боз андаке дертар он 6 рӯзро чунон ғунҷонданд, ки 6 моҳи аввал ҳар кадом 31-рӯза ва 5 моҳи дигар 30-рӯза ва як моҳ 29 рӯз ва 5 соату 48 дақиқаю 46 сонияи қарор гирифт.

Чун ба ҳазорсолаҳо аз масири таърих назар афканем, идроки амиқ, дилу нияти ва тафаккури пок, ҷаҳонбинии фаррох, тамаддуни волои ниёгонамон ба хубӣ эҳсос мешавад. Дарк мекунем, ки Наврӯз эҷоди табиату тафаккури халқест ва миллатест, ки тӯли ҳазорон сол ба тоҷикию форсӣ ҳарф мезанад. Наврӯз исму моли тоҷик аст! Зеро ин рӯзу ин идро дар тамоми курраи замин бо лафзи шевои тоҷикӣ ном мебаранд: дар Ӯзбекистону, Қазоқистон, Қирғизистону Туркманистон, Озарбойҷону Туркия, Эрону Афғонистон, Бошқирдистону Доғистон, хуллас дар кучое набошад, тоҷикона «Наврӯз» мегӯянд. Дар Изроил ҳам Наврӯз чун оғози рӯзи наву соли нав таҷил мегардад. Пас, бо Наврӯз чизе аз шаҳомати миллии мо ба ин миллатҳо ҳам гузаштааст. Ин мояи ифтихор аст барои ҳар фарди худогоҳу хештаншиноси тоҷик!

Дар гузашта маросими суннатҳои Наврӯз шаш рӯз идома ёфта, аз ду қисм, яъне Наврӯзи хурдак ва Наврӯзи Бузург иборат будааст. Дар ин бобат муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» чунин хабар медиҳад: «Рӯзи аввали фарвардин, ки расидани офтоб ба бурҷи Ҳамал аст ва ибтидои баҳор аст ва инро Наврӯзи кӯчак ва Наврӯзи омма ва Наврӯзи сағир гӯянд ва низ шашуми фарвардинмоҳро Наврӯзи Бузург ва Наврӯзи хоса гӯянд». Яъне Наврӯзи омма аз панҷ рӯз иборат буда, Наврӯзи Бузург як рӯзро дарбар мегирифтааст. Дар шарҳи ин матлаб Абӯрайҳони Берунӣ менависад: «Ойини подшоҳони Сосон дар панҷ рӯзи аввали фарвардин, яъне Наврӯзи омма чунин буд, ки шоҳ ба рӯзи аввал Наврӯзро ибтидо мекард ва оммаро ба ҳузур мепазируфт ва бо онҳо ҷашн мекард.

Дар рӯзи дувум деҳқонон ва аҳли оташкадаҳо, рӯзи сеюм паҳлавонон ва мӯбадони бузург, рӯзи чаҳорум аҳли хонавода ва наздикону хосони худ ва рӯзи панҷум писар ва наздикони хешро мепазируфт».

Воқеан, Наврӯз ойини бостонии тароватӣ покӣ, мунодии сулҳу оштӣ ва ҷашни ҳумоюни байналмилалӣ ва ваҳдату ҳамбастагии башарият буда, аз қаъри асрҳои зиёд аз насл ба насл гузашта, то замони мо расидааст.

Иди Наврӯзро, ки бо фаросии он гармии ҷонбахши баҳорӣ оғоз меёбад, ҷашни шукӯҳи табиат ва овони эҳёи он гуфтаанд. Воқеан, Наврӯз давраест,



ки Замин ба меҳвари Хуршед баромада, рӯзу шаб баробар мешавад ва кулли инсону мавҷудотро рӯҳу равони тоза бахшида, ба ояндаи нек, рӯзгори обод ва ба пешрафту созандагӣ ҳидоят мекунад. Ин иди зебои ниёгони мо, ки дар ҳама давру замонҳо аз ҷумлаи бузургтарин ҷашнҳои муқаддаси миллӣ ва ойини зиндагисози мардум ба ҳисоб меравад, ҳамчун рамзи корҳои баҳорӣ ва файзу баракати сол, пеш аз ҳама ба кишоварзон нерую илҳоми тоза ато мекунад. Наврӯз бо нақши созандаи хеш ба шудгор ва киштукори замин, пошидани донаи умед, шинондани ниҳол ва ба гулу гулбуттаҳо, хуллас оғози ҳамаи корҳои мавсими баҳор ҳидоят менамояд.

Аз рӯи маъхазҳои қадима дар гузашта покиза кардани манзилҳо ба ҷуз маънии заминӣ, маънии динӣ ҳам дошт. Бино бар ҳарфи ӯ, ақидаи қадимии мардуми тоҷик ин буд, ки субҳи Рӯзи Нав фариштаҳо аз осмон ба замин фуруд меоянд ва покиза кардани манзилҳо ба истиқболи фариштагон буд. Мардум кинаҳоро мебахшиданд ва кудуратҳоро ба фаромӯшӣ месупурданд ва ба ин маънӣ, хонаи дилҳоро низ ба пешвози фариштаҳо тоза мекарданд. Чунки аз рӯи бовари мардум, ба қалбе, ки аз кинаву адоват ва душманӣ холӣ нест, фариштаҳо фуруд намеомадаанд. Махсусан ёди гузаштагон, эҳтироми калонсолон, авфи гуноҳ, тозаву озода кардани хона ва ашёи рӯзгор, обод кардани маҳалли зист, пошидани тухми умед ба замин, шинондани ниҳол, ба тартиб овардани роҳу пулҳо, зиёрати пирони барнодил, ранҷурону беморон, хайру сахо ба шахсони бепарастор, оилаҳои камбизоат ва ятимону маъюбон, аз ҷумлаи анъаноти нек ва суннатҳои писандидаи Наврӯзи Аҷам маҳсуб меёбад.

Боиси ифтихору фараҳмандист, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, ҷиҳати инкишоф додани ин суннати ниёгон, бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иди Наврӯз мақоми давлатӣ дода шуда, бо талошҳои сарвари давлатамон Наврӯзи Аҷам мақоми байналмилалӣ гирифта, ҷаҳонӣ гардид. Боиси ифтихор аст, ки Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар 64-умин иҷлосияи худ доир ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» эълон намудани 21 – уми март Қатънома қабул кард. Акнун суннати деринаи аҷдодии тоҷикон Наврӯзи оламафрӯзро, зиёда аз 20 кишвари ҷаҳон сарфи назар аз нажод ва дину мазҳаб таҷлил менамоянд.

Имрӯз мо дар марҳалаи хеле ҳассосу мураккаби ҷаҳонишавӣ қарор дорем, ки инсоният нисбат ба ҳар вақти дигар ба арзишҳои волои фарҳангӣ, суннатҳои зиндагисози маънавӣ, ахлоқи ҳамида, меҳру рафоқат, ҳамдиливу ҳамкорӣ ва сулҳу оромӣ ниёзи бештар дорад. Дар чунин шароит Наврӯз чун мунодии сулҳу оромӣ, пиндору гуфтору кирдори нек ва дӯстиву ҳамкории халқҳо моро боз сӯи рӯзгори бехушунат, сулҳу субот ва кӯшиш барои зиндагии орому осуда роҳнамоӣ мекунад.

Наврӯз як таъкиде аз гузаштагон аст, то фаромӯш накунем, ки мо миллати наврӯзӣ ҳастем, то фаромӯш накунем, ки ҳуқуқи хиёнат ба анъанаҳои неки гузаштагон надорем ва суннатҳои онҳоро пос медорем ва бо Наврӯз онро ба ҳазорсолаҳои дигар ҳидоят мекунем. Хуршеди пурҳарорати наврӯзӣ ба хонадон ва қалби ҳар яки мо нуру зиё мебахшад ва дар қалбҳои мо эҳсоси самимии накӯкорӣ ва созандагиро бедор мекунад. Аз ин хотир, бо таърих ва шукӯҳу шаҳоматаш Наврӯз таҷдиди хотираи азёдрафта аст. Наврӯз пайванди мову гузаштагони сарбаланди мост, ки рӯҳи онҳоеро, ки миллати моро сохтаанд, онро шукӯҳу шаҳомат бахшидаанд, аз қаъри қарнҳо берун мекашад ва моро сари дастархони наврӯзӣ ба ҳам меорад.



Дар маҷмӯъ Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав, қосиди баҳор, мабдаи ҳаёт, эҳёи табиат ва иқдому амалҳои нави ободонию тозакориҳо мебошад.

Бигузор кишвари мо обод, Наврӯзи мо поянда ва дилҳои мардуми мо шод бошанд.

**Таҳияи М. ШАРАФОВА,**
**унвонҷӯи Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон**

# ФАЛСАФАИ НАВРӮЗ

## Ё ХУД НАВРӮЗ-РАМЗИ ВАҲДАТИ ТАМОМИ БАШАРИЯТ



Яке аз ҷашнҳои муҳимми миллӣ ва мардумии халқҳои эронинажод Наврӯз ба ҳисоб меравад. Ин ҷашн ҷашнест, ки ҳамбастагии инсону коинот ва эҳёшавии табиатро ба миён меорад. Чунин навъи ҷашн пеш аз ҳама ба шинохт ва огоҳии инсоният аз табиат ҳамбастагӣ дорад. Нахустин рӯзи Наврӯз ки ба 21 март рост меояд замонест, ки ҳамаи сайёроту ситорот дар як радиф қарор мегиранд. Ин баёнгари он аст, ки мардумони ориёинажод ҳанӯз ҳазорон ҳазор сол қабл ин ҳамоҳангиро дарк намуда будаанд ва аз табиат огоҳии дуруст ва илмӣ доштаанд. Аз тарафи дигар, Наврӯз замоне фаро мерасад, ки эътидоли шабу рӯз баробар мешавад ва табиату инсону коинот ба ҳолати баробарӣ дар меояд. Ҷашни Наврӯз ба ҳеҷ як дину мазҳаб иртиботе надорад, зеро ҷашнҳои динию мазҳабӣ аз назари арзишшиносӣ фарогири арзишҳои маҳдуданд, ки аз бовару эътиқод сарчашма гирифта ё ифодагари кадом як ҳодисаи таърихӣ мебошад. Ҷашни Наврӯз бошад ба ҳеҷ арзиши маҳдуд ва эътиқодот ҳамбастагӣ надорад. Зеро асосҳои онро дарку шинохти дурусти инсон аз табиату коинот ташкил медиҳад.

Аз лиҳози пайдоиш Наврӯз ҷашнест, ки таърихи ҳазорсолаҳо дорад ва ба тамаддуни кишоварзӣ хос аст. Яъне ин маънии онро дорад, ки мардумони ориёитабор, ки бароварда кардани ниёзҳои худро бо роҳи кишоварзӣ қаблтар аз мардумони дигар шурӯъ намуда буданд, барои онҳо шинохти вақт ниҳоят муҳим будааст, зеро Наврӯз замоне фаро мерасад, ки дигар сармои зимистон пушти сар гардида, таҳаввули ҳамаи олами зинда ба вуҷуд меояд. Яъне ин замонест, ки кишоварз ба марҳилаи кишт кардан ва олами наботот ба марҳилаи рустан мерасад.

Мусаллам аст, ки дар таърихи мардумони мо ҳазорон лашкаркашии бегонагон аз қабили Юнониёну Арабҳо, Турку Муғул ва афрангиён сурат гирифтааст. Дар ин гирудорҳои таърихӣ осори зиёди фарҳангӣ аз байн бурда шудааст. Борҳо низ султаҳои бегона, ки ин сарзаминҳоро ғасб намуда буданд, ҷашни Наврӯзро маҳдуд карданд, аммо натавонистанд онро аз байн бибаранд, баръакс онро пазируфтанд ва худ низ аз он таҷлил карданд. Саволе ба миён меояд, ки чаро ин ҷашн мондагор шуд ва чаро онро дигарҳо низ пазируфтанд ва аз он таҷлил намуданд? Сабаби мондагории Наврӯз дар тӯли таърих он аст, ки рамзҳо ва арзишҳои ин ҷашн ба тамоми башарият тааллуқ доранд ва волотарин арзишҳои умумибашариро дар худ таҷассум мекунанд, ки аз қарори зайланд:

**Якум**, Наврӯз ҷашни эҳё ва ҷашни зиндагист. Ҳамин аст, ки барои башарият аз зиндагӣ болотар арзише вуҷуд надорад. Ҳамаи арзишҳои дигар дар атрофи зиндагӣ мечарханд.

**Дуввум**, Наврӯз ҷашни нур ва хуршед аст. Мусаллам аст, ки ҳаёти ҳамаи олами зинда ба офтоб, рӯшноӣ ва гармӣ ҳамбастагӣ дорад. Ҳамин аст, ки ин арзиш арзиши ҳамаи инсоният аст ва ҳамаи инсоният ниёз ба офтоб гармӣ ва рӯшноӣ доранд.

**Саввум**, Наврӯз ҷашнест, ки аз навгиронӣ ҳарф мезанад ва тамоми инсоният табиатан ҳар чиз ашё ё падидае, ки нав бошад онро дӯст медорад. Наврӯз ҳама гуна фарсудагиву вопасгароиро канор мезанад ва ҳамеша аз «нав» ва ҳамеша аз «шудан» мегӯяд.

**Чаҳорум**, Наврӯз ҷашни шодию сурур ва пирӯзии ақлу хирад аз болои ҷаҳолат, нодонӣ ва торикӣ аст. Таърих собит кардааст, ки бузургтарин бадбахтии инсоният нодониву ҷаҳолат аст ва инсоният танҳо аз роҳи дониш ва ақлу хирад ба зиндагии шоиста расида метавонад.

**Панҷум**, Наврӯз ҷашнест, ки дар он ахлоқи баланди инсонӣ таҷассум ёфтааст ва ҳамеша аз се асли некӣ маншаъ мегирад: «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек». Ба ин се асл тамоми башарият ниёз дорад ва саодати инсонӣ аз ҳамин се асл бармеояд. Агар ба тамоми консепсияҳои ахлоқӣ назар афканем ҷамъбаст ва хулосаи онҳо ба ҳамин се асл бармегардад.

**Шашум**, Ҷашни Наврӯз ҷашни эътидол аст. Инсоният дар тамоми таърих яке аз арзишҳои меҳвариаш адолат ба ҳисоб меравад. Зеро ҳамеша ноадолатӣ боиси ранҷу бадбахтии инсонҳо мегардад. ҳамин аст, ки дар фарҳанги ҷаҳонӣ арзиши адолат яке аз арзишҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад ва дар Наврӯз аввалан эътидоли табиӣ, ки он аз баробаршавии шабу рӯз ва дар як радиф қарор гирифтани сайёрот маншаъ мегирад, аз тарафи дигар Наврӯз ба ҳамаи инсонҳо ва ҳамаи табақот баробар аст. Яъне дар байни инсонҳо низ фарқ намегузорад.

**Ҳафтум**, Наврӯз ҷашни умед аст. Мусаллам аст, ки инсониятро умед раҳнамун месозад ва инсоният бо умед зинда аст. Умеди нек доштан ва фардои накуро орзу кардан хоси тамоми инсоният аст.

**Ҳаштум**, Наврӯз ҷашни меҳр, ишқ, саодат ва садоқат аст. Меҳр ва ишқу садоқат асоси вуҷуди инсоният аст ва набуди инҳо метавонад зиндагии инсонҳоро ба нобудӣ кашонад ва пояи зулму истибдодро тақвият бахшад.

**Нуҳум**, Наврӯз ҷашни бахшояндагӣ аст. Яке аз хислатҳои хуби инсонӣ бахшояндагӣ ба ҳисоб меравад ва дар Наврӯз низ мардумон ба ҳамдигар тухфаҳо мебахшанд, гуноҳҳои якдигарро мебахшанд ва ҳама вокеъёти манфие, ки аз сар гузашта буд, онро канор мегузоранд. Кинаҳоро аз дил зудуда мекунанд. Бо ҳамдигар муносибатро аз нав оғоз мекунанд.

**Даҳум**, Наврӯз ҷашни назофату покизагист. Ин арзиш низ хоси ҳамаи инсоният аст ва инсонҳо озодию озодагиро дӯст медоранд ва ҳадафи зиндагиро дар озодиву озодагӣ медонанд. Ҳамин аст, ки дар ҷашни Наврӯз мардум хонаю дари хешро тамъиз мекунанд, либосҳои озода мепӯшанд ва бо раҳо гаштан аз хатарҳои зимистон озодона ба сайри дашту чамани сабзу гулпӯш мераванд.

**Ёздаҳум**, Наврӯз ҷашни зебоист. Табиатан инсонҳо зебоипарастанд. Онҳо зебоиро дӯст медоранд. Дар Наврӯз табиат гуногунрангу зебо мешавад, гулҳо мешукуфанду ба инсон фараҳу илҳом ва андешаву умеди тозаро ба бор меоварад. Аз тарафи дигар, худи инсонҳо низ ба мисли табиат зебо мешаванд ва хешро пероставу ороста мегардонанд.

**Дувоздуҳум**, Наврӯз ҷашни ҷавониву ҷовидонагист. Инсоният ҳамеша ҷавонӣ ва ҷовидонагиро дӯст медорад. Ҳамин аст, ки яке аз орзуву омоли асосии инсонӣ ин ҷовидонагӣ аст.

**Хулоса**, ҷашни Наврӯз-ҷашнест, ки дар худ тамоми арзишҳои баланди инсониро таҷассум намудааст ва аз табиати одамӣ маншаъ мегирад Ҳамин аст, ки ин ҷашнро мардумони гуногуни сайёра новобаста аз хуну пӯст ва бовару эътиқод бо дӯстдорӣ ва шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мекунанд. Наврӯз рамзи ваҳдати тамоми башарият аст.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи**
**фанҳои гуманитарӣ**



# ҶАШНГИРИИ НАВРӮЗ - МЕРОСИ АҶДОДИСТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мулоқотҳояшон бо зиёиёни кишвар роҷеъ ба ҷашни байналмилалии Наврӯз иброз доштанд ки: “Ин ҷашни бостонии ниёгони мо рамзи абадияти зиндагӣ, эҳёи табиат ва покии инсон буда, барои мо - тоҷикон басо муқаддас ва гиромӣ мебошад, зеро фарҳангу оинҳои ориёии мо аз давրони қадим то имрӯз бо суннатҳои наврӯзӣ ва сарнавишти миллати мо пайванди ногусастанӣ дошта, дар дилу дидаҳои мардуми мо ҷой гирифтаанд”.

Бо Қарори Юнеско ҷашни байналмилалӣ эълон гардидани Наврӯз боиси ифтихори мо, тоҷикон буда, мо ворисони ориёӣ аз ҷаҳонишавии ин иди бузург меболем ва ифтихор мекунем.

Тамаддуни миллии мо аз асрҳои қадим оғоз ёфта, давоми ҳазорсолаҳо аст, ки идома дорад ва ҳамеша дар рушду нумӯъ аст. Яке аз бахшҳои хеле муҳимми тамаддуни гузашта ҷашнҳои сурурбахшу рӯҳафзое ба мисли Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон ва ғайраанд. Албатта, пайдоиши ҳар як ҷашнро сабабест, ки зарурате ба миён оварда, ҷавобгӯи ин ё он талаботи ҷомеа мебошад.

Замоне Наврӯз танҳо дар сарзамини Ориёиҳо таҷлил мешуд. Баъдтар ҷуғрофияи ҷашни Наврӯз густариш ёфт ва нуфузи таҷлили он аз халиҷи Банголаву Ховари Чин то укёнуси Ҳинд тӯл кашид. Ҳоло беш аз 20 кишвари олам, аз ҷумла Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазокистон, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Покистон, Ҳиндустон, Туркия, Эрон, Сурия, Албания Наврӯзро ҷашн мегиранд ва ҷашни миллии худ медонанд.

Мувофиқи маълумоти Абурайҳони Берунӣ шоҳони Сосонӣ Наврӯзро шаш рӯз ҷашн мегирифтанд. Онҳо рӯзи аввали Наврӯзро бо қабули пазироии мардум мегузарониданд. Рӯзи дуввум бошад, мансабдорон ва давлатмандонро қабул карда, суҳбатҳо меоростанд.

Рӯзи саввум, муъбадон, рӯзи чаҳорум аҳли дарбор, рӯзи панҷум фарзандону хешу ақраборо қабул менамуданд.

Рӯзи шашум, ки расид, худи шоҳ Наврӯзро ҷашн мегирифт. Аз ҳамин сабаб, рӯзи шашуми ҷашни Наврӯзро “Наврӯзи бузург” номида буданд.

Дар Осиёи Миёна, Эрон, Озарбойҷон Наврӯзро сенздаҳ рӯз ҷашн мегирифтанд ва рӯзи 13-ум аз шаҳр берун рафта, барои сайругашт мебаромаданд, ки ҳоло дар Эрон онро ҷашни “сездаҳбадар” меноманд.

Ҷашнгирии Наврӯз дар асрҳои миёна ба забткориҳои хилофати араб ва паҳншавии дини ислом дар Эрон, Осиёи Миёна ва мамлакатҳои Шарқ алоқамандии зич дошт. Вақте ки сулолаи Аббосиён ба сари қудрати идоракунии хилофати Араб омаданд, онҳо урфу одатҳои замони Сосониёнро қабул карда, дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии худ истифода намуданд, инчунин, ҷашнгирӣ аз натиҷаи вазъияти нави иҷтимоию сиёсӣ, ки дар ҷомеаи сарзаминҳои забтшудаи хилофати Араб ба вуҷуд омада буд, вобастагӣ дошт.

Уламои исломӣ кӯшиш мекарданд, ки бо ҳар роҳ ба урфу одат ва ҳаёти иҷтимоию маънавии халқҳои зеридасти худ омехта шуда ба ҳаёти нав дохил гарданд. Онҳо бо ин роҳ мехостанд, ки идоракунии давлати хилофатро дар худудҳои зеридастгашта мустаҳкам намоянд. Аз ҳамин сабаб халифони Араб маҷбур шуданд, ки ҷашнгирии харсолаи иди Наврӯзро боҳашамат ва пуршукӯҳ ҷашн гиранд. Бо ин роҳ дар рӯзҳои ҷашнгирӣ амалдорони давлатии хилофат андозҳои солона ва тухфаҳои ҷашниро ҷамъ намуда, хазинаи ҳукуматро пур мекарданд. Халифони араб ғайр аз манфиатҳои сиёсию идеологии худ боз ба тарафҳои иқтисодии кор диққати махсус дода, баробари ҷашнҳои софи мусулмонӣ - иди фитр, иди қурбон ҷашнгирии иди Наврӯзро дар тамоми мамлакатҳои

с. 2

# ҶАШНГИРИИ НАВРӮЗ - МЕРОСИ АҶДОДИСТ

(Аввалаш дар сах. 3)

хилофат чорӣ карда буданд.

Халифони Аббосиён ба шоҳони Сосонӣ пайравӣ намуда, мисли онҳо ҷашни Наврӯзро дар дарбори худ мегузарониданд ва бо ин мақсад зиёфатҳои пуршукӯх ороста, ба ҳамдигар тухфаҳои қимматбаҳо тақдим менамуданд ва маҷбур мекарданд, ки ашрофони маҳаллӣ низ ба ҳукуматдорон тухфаҳои қимматбаҳо тақдим намоянд.

Аз асрҳои миёна сар карда, дар сарзамини Осиёи Миёна ҷашнгирии Наврӯз аз тарафи ашрофону ҳокимони маҳаллӣ хеле пуршукӯҳу ботантана ҷашн гирифта мешуд. Ба муносибати ҷашни Наврӯз ба хизматчиёни давлатӣ ва сарбозон тухфаҳои пулӣ дода мешуд. Дар ин хусус академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби "Тоҷикон" чунин мисол овардааст: "Дар замони ҳукмронии Саффориён (813-903) сарбозон дар ҳар се моҳ маош мегирифтанд. Ҳар вақт дар айёми ҷашни Наврӯз тафтиши қӯшун ба амал меомад. Аз сарбоз то сардори қӯшун ба амалдори давлатӣ аспу силоҳи худро намоиш медод ва ба беҳтаринҳо пул тухфа мекарданд".

Муаррих Адам Метс дар асараш "Мусулманский Ренесанс" менависад, ки "... дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз дар шаҳри Бағдод дар дарбори халиф намоишномаи идона ташкил карда мешуд. Ҳунарпешагон дар ин базми идона ба рӯй ниқоб пӯшида, дар назди халиф баромад мекарданд ва ба сифати тухфа халиф ба тарафи ҳунарпешагон пул мепартофт".

Муаррихи дигар Содиқ Ҷалолӣ дар бораи ҷашни Наврӯз, ки дар дарбори халифони аббосиён ҷашн гирифта мешуд, чунин навиштааст: "Аббосиён урфу одатҳои Сосониёнро ба худ мерос гирифта, дар рӯзҳои ҷашн ба осмон шабона мушакҳо сар дода, ба ҳамдигар об мепошиданд, аз бегоҳ то саҳар мерақсиданду суруд мехонданд, субҳи дигар сайру гашт мекарданд".



Аликули Бахтиёрӣ таҳқиқотчии замони Сомониён дар бораи ҷашнгирии Наврӯз чунин маълумотро овардааст: "Сокинони Сомонӣ ҷашни Наврӯзро қариб бе ягон тағйирот, чун замони Сосониён ҷашн мегирифтанд. Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз шоҳони Сомонӣ базмҳои бошукӯҳи дарборӣ ташкил намуда, шоиронy ҳофизонро даъват мекарданд. Ҷашни Меҳргон ва Садаро низ чунин ҷашн мегирифтанд. Дар рӯзҳои ҷашнгирӣ гулхани оташ афрӯхта, дастаи навозандагон мусиқӣ менавохтанд, раққосаҳо рақс мекарданд. Ҳофизон суруд мехонданд ва ин хурсандии мардум то субҳи саҳар ва рӯзона давом мекард".

Албатта, мо бояд ёдовар шавем, ки устод Рӯдакӣ ҳам дар ин базмҳои бошукӯҳи Наврӯзии дарбори Насри II Сомонӣ (914 - 943) иштирок намуда, онро боз ҳам бошукӯҳтар менамуд. Чӣ тавре ки муаррих ишора кардааст "суханони ҷозибанoки шоир ва навозандагии Рӯдакӣ ба дарбори Сомониён ворид гашта, хаёли инсонро ба ёдоварии Хусрави Парвиз мебарад".

Ҷашни Наврӯз ҷашни бостонӣ буда, он ба тақвими хуршедӣ асос ёфтааст. Ривоят аст, ки Наврӯзро шоҳи асотирӣ Ҷамшед асос гузоштааст. Дар китоби Авесто ӯ бо номи Ҷам ёдоварӣ шудааст. Олимон эътимод доранд, ки шоҳ Ҷамшед аз авлоди орийӣ буда, дар ҳазорсолаҳои II - I пеш аз мелодӣ зистааст.

Абурайҳони Берунӣ дар "Осор-ул- боқия" - и худ чунин навиштааст: "Чун Ҷамшед ба шоҳӣ расид, динро аз нав кард ва он рӯзро, ки рӯзи тоза буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд".

Тақвими ҷашнгирии Наврӯз дар рисолаи шоир ва олими асри миёна Умари Хайём "Наврӯзнома" ба тафсил ҳаллу фасл шудааст. То ислоҳоти тақвими Умари Хайём, ки он соли 1074 дар расадхонаи шаҳри Исфаҳон рӯйи кор омад ва дар таърих боз бо унвони "тақвими Шаҳриёрӣ" ёд мешавад, рӯзи ҷашнгирии Наврӯз ба қавле мелағжид, яъне аҳолии водии Фарғона, Хуҷанду Самарқанд ва Бухоро Наврӯзро дар охирҳои моҳи феврал ва ибтидои моҳи март ҷашн мегирифтанд. Аҳамияти кашфиёти бузурги дораи илмии расадхонаи Исфаҳон бо сарварии Умари Хайём дар он аст, ки онҳо идкунии Наврӯзро ба 21 март, яъне ба баробаршавии шабу рӯзи баҳорӣ мутобиқ намуданд. Аз ҳамин сабаб мегӯянд: " Наврӯз - хоҳ шаб гардӣ, хоҳ рӯз".

**К. НУРОВА,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ**

# Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар!

Модар – наздиктарин шахс, мунису ғамхор, такягоҳ ва тасаллидиҳандаест, ки фарзанд ҳар қадар бузургтар шавад ба меҳрубониҳои Ӯ худро ниёзмандтар мешуморад.

Бесабаб нест, ки бештари адибону шоирони давру замонҳои дуру муосир дар васфи модар шеърҳо эҷод кардаанд, суханҳои беҳтарин гуфтаанд, модарро олиҳаи замин, сарчашмаи ҳаёт ва меҳру муҳаббат, офтоби зиндагӣ, нури хонадон номидаанд. Дар васфи модар чӣ қадар сурудҳо хонда шудаанд ва мешаванд. Дар ҳар як сатри суруд ва шеър модарро ситоиш мекунанд.

**Азизу меҳрубонам кист? Модар**
**Фурӯғи дидагонам кист? Модар**
**Забони модарӣ омӯхт бар ман**
**Ҳамеша дар забонам кист? Модар**

***

**Замину осмони ман туӣ модар,**
**туӣ модар.**
**Ҷаҳони бекарони ман туӣ модар,**
**туӣ модар.**
**Дар ин дунё, ки бераҳмиву бемеҳрист**
**бунёдаш,**
**Ягона меҳрубони ман туӣ модар,**
**туӣ модар.**
**Диламро дар ҷаҳон ҷуз ту касе беҳтар**
**намедонад,**
**Беҳин ҳамдостони ман туӣ модар,**
**туӣ модар.**

Модар беҳтарин дӯст, устод ва роҳбаладӣ зиндагӣ, инчунин гаронтарин неъмати Худованд барои ҳар яки мост. Модар мактабу мадрасаест, ки хомиён ва оянадсозони Ватану миллатро тарбият мекунад. Умуман муҳим нест, ки мо кӯдаки хурдсол ҳастем ё аллакай калонсол ва ё шахси мустақил - дар ин ҷаҳон касе аз ӯ азизтар барои мо вуҷуд дошта наметавонад.

**Модар ба қадамҳои ту сар мемонам,**
**Ҳар ҳарфи туро дуру гуҳар медонам.**
**Дар роҳи ҳаёт мушкиле пеш ояд,**
**Ман панди туро мушкилкушо медонам.**

Паёмбари Худо (с) кароматy бузургии модарро дар ҳадисҳои зиёде ёд карда, таъкид намудааст, ки: «Биҳишт дар зери қудуми модарон аст».

**Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,**
**Дар зери қудуми модарон аст.**



Модар – бузургтарин каломест, ки равшанӣ, гармӣ ва муҳаббати зиёд дорад. Он чизе, ки мо имрӯз доремхамаи инро модар ба мо додааст.

Ҳастии модар барои ҳар як шахс бахти бузургест, домони модар биҳишти воқеии ҳар як инсон аст. Аз ҳама шахси бахшоянда, дуогӯ, меҳрубон, мушфиқ, ғамхор барои фарзанд, танҳо модар аст.

Чуноне, ки шоир мефармояд:

**Тифливу домони модар хуш**
**биҳиште будааст,**
**Чун ба пои худ равон гаштем,**
**саргардон шудем.**

Дуои модар барои фарзанд ганҷинаи бебаҳост. Ҳар яки мо агар амалу фаъолияти худро бо дуои модар оғоз намоем, албатта дар кори худ муваффақ мешавем. Тавре ки шоири хушкалом Лоиқ Шералӣ фармудааст:

**Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,**
**Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар.**
**Бишнид гар садоям дунёи сахтгӯшон,**
**Ангезаест шояд аз аллаҳои модар.**
**Гар шеъраке сурудам аз буду аз набудам,**
**Дар тинатам сиришта сӯзу навои модар.**
**Оғози офариниш дар раҳми ӯст, з-ин рӯ**
**Сад достон бароянд аз як ҳиҷои модар...**

**У. РИЗВОНОВА, муаллими**
**кафедраи математикаи олӣ**
**ва информатикаи ДТТ**

# ҚАСИДАИ ЗАН

**Малоҳат аз ту бошад, эй зан, эй зан,**
**Латофат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Чу барги гул бувад табъи латифат,**
**Назокат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Киро битвон ки ҷуз ту дӯст ҳам дошт,**
**Садоқат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Ҳама хушбахтиҳо оғозаш аз туст,**
**Саодат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Фурӯғи меҳр хезад аз вуҷудат,**
**Муҳаббат аз ту бошад, эй зан , эй зан.**
**Ҳама олам зи зан покизагавҳар,**
**Назофат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Ҳар он андешае хезад ба ҳастӣ,**
**Ки фикрат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Касе ҷӯяд шарофатро зи дунё,**
**Шарофат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Наҷибӣ ояд аз модар ба гетӣ,**
**Наҷобат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Куҷо фазл аст, агар занҳо набошанд,**
**Фазилат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Булуғе нест дар олам касеро**
**Балоғат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Ҳамеша дар раҳи худ бо ирода,**
**Матонат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Фақат баҳри дифои зиндагонӣ,**
**Ҷасорат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Ҷаҳон зулматсарову сард бе ту,**
**Ҳарорат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Ту конуни тамоми хонадонӣ**
**Ҷазобат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**
**Ҳама лаззат зи ширинкомии туст,**
**Ҳаловат аз ту бошад, эй зан, эй зан**
**Биёбад одамӣ ҳар чӣ биҳоҳад,**
**Чу фитрат аз ту бошад, эй зан, эй зан.**

**Исомуддин ШАРИФЗОДА**

**"Модар, олам аз ту ибтидо мeёбад, зиндагӣ бо ту оғозёб аст. Эй муҳаррики зиндагӣ, эй тухмпоши киштзори бемаргӣ!**

**Вақте ки қадамат ба яхистони олами нопайдоканор бирасид, аз атри нафосат замин ранги рӯшноӣ ёфт, ба пайкари сарди он гармии дилат расид, ҷисми хок ҳам тавассути ту тобноку нуронӣ шуд, рӯйи хушкидаи онро тобиши хуршедӣ бахшидӣ ва табиби бемаргияш шудӣ..."**

**(Мирзо Боқӣ)**

## МОДАРАМ

**Модарам, ёдат чу ёди ёр**
**маҳҷурам кунад,**
**Зиндагӣ дар ҳар нафас аз бӯи**
**ту дурам кунад.**
**Шири испедат маро аз роҳи**
**бад дурам кунад,**
**Гар надонам қадри ту, модар,**
**Худо кӯрам кунад.**

## ДУОИ МОДАР

**Модар, талаби дуо кунад**
**фарзандат,**
**Донишҷӯи аз ҷашми дури**
**дилбандат.**
**Дар дасти дуои қиблаҷӯят**
**бимирад,**
**Фарзанди мусофир,**
**ҷигарпайвандат.**

## ОЧАИ ҶОН

**Бинолам аз роҳи дур очаи ҷон,**
**Бигаштам зору маҳҷур очаи ҷон.**
**Мусофирам ба умеди дуоят,**
**Шавад рӯзе биоям, очаи ҷон.**
**Басе ғамгинам аз ин тақдири хеш,**
**Ки дурам аз канорат, очаи ҷон.**
**Ба зонуят гузорам пайкарамро,**
**Навозишкор, ҷонам, очаи ҷон.**
**Агар ранҷондамат аз бегумонӣ,**
**Бубахшоям, маро эй очаи ҷон.**
**Дуогӯят бувад, меҳмон, Рамзат,**
**Ки доим хуш бимонӣ, очаи ҷон.**

**Ҳафиззода Рамзия Бахриддин,**
**донишҷӯи курси 3-юми факултети**
**телекоммуникатсия ва таълимоти**
**касбии ДТТ**

Тарғиби либоси миллӣ

## Озмуни “Беҳтарин тарғибгари либоси миллӣ”





Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳё намудани либосҳои миллӣ, тарғиби он ва роҳ надодан ба бегонапарастӣ, озму-





ни донишгоҳии «Беҳтарин тарғибгари либоси миллӣ»-ро дар байни омӯзгорону донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ доир намуд, ки он тӯли як ҳафта идома ёфта, дар арафаи ҷашни Рӯзи модар ба таври зайл ҷамъбаст гардид.

Ҷойи 1-ум факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ;

ҷойи 2-юм факултети технология ва дизайн;

ҷойи 3-юм факултети иқтисодиёт ва молия ва факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ.

Ғолибони озмун бо дипломҳои дараҷаҳои якум, дуюм ва сеюм сарфароз гардонида шуданд. Барои саҳми арзанда гузоштан дар ташкил ва баргузории озмун чанде аз фаъолони факултетҳо бо ифтихорномаи ректори донишгоҳ қадрдонӣ карда шуданд.

**Л. НАБИЕВ**

## ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКОН”-ОИНАИ ТАЪРИХИ МИЛЛАТ»

Рӯзи 21-уми феврал дар Донишгоҳи технологиии Тоҷикистон даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат” миёни омӯзгорони донишгоҳ шаффоф ва дар сатҳи баланд гузаронида шуд.

Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Абдулазиз Ғаффоров ва омӯзгорони таърихшинос ба иштирокчиён аз рӯи шартҳои низомномаи озмун саволу ҷавоб намуданд.

Дар асоси талаботҳои низомномаи озмун ҷиҳати шаффоф гузаронидан ва холҳои воқеъбинона гузоштан ба посухи иштирокчиён ҳайати ҳакамон аз ҷониби раёсати донишгоҳ тасдиқ карда шуда, аъзои он аз ҳисоби профессорону омӯзгорон ва номзадони илмҳои таърих интихоб гардиданд.

Ғолибони даври аввали озмун муайян гардида, барои иштирок ба даври навбатӣ ҳуқуқ пайдо карданд.

## ШИНОСОӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОИИ ҲИЗБӢ

Шунавандагони курси бозомӯзӣ барои раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ҷиҳати шиносоӣ ва таҷрибаомӯзӣ аз фаъолияти онҳо боздид намуданд.

Аз ҷумла, иштирокчиён аз кору фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии «Тоҷири Аҷам», «Фановар», «Соҳибкор», “Истиқлол”, «Бақои давлат», «Нурпласт», «Тоҷикстандарт», «Қомуснигор» шинос шуда, бо ҳамдигар табодули афкор намуданд. Таҷрибаи пешқадам низ мавриди музокира қарор гирифт.

Мояи ифтихор аст, ки дар кулли дастовардҳо, самту бахшҳои гуногун ва муҳимми давлатдорӣ саҳми ташкилотҳои ибтидоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе арзишманд арзёбӣ мешавад. Ташкилотҳои ҳизбӣ фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Раиси муаззами ҳизб ба роҳ монда, пайваста баҳри он мекӯшанд, ки дар тарғиби дастовардҳои истиқлол ва сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат, таблиғи ҳамешагии сиёсати бунёдкоронаю созандаи Пешвои миллат ҷойгоҳи муносиб дошта бошанд.

Имрӯз шумораи аъзои ҳизб дар кишвар беш аз 521 498 нафар буда, онҳо дар 6646 ташкилоти ибтидоӣ муттаҳид гардидаанд.

Яке аз масъалаҳои меҳварӣ тақвият бахшидани фаъолияти дохилиҳизбии ташкилотҳои ибтидоӣ мебошад. Назорати ҳаракати аъзо, низоми дохилиҳизбӣ, қабули сифатноки аъзои ҳизб, баргузории маҷлисҳои ташкилотҳои ибтидоӣ ва супоридани ҳаққи узвият як бахши муҳимми фаъолияти дохилиҳизбиро дар бар гирифта, ба миён овардани низоми мукаммал омили муваффақияти фаъолияти ҳизбӣ ба шумор меравад. Тайи солҳои охир ин масъала дар фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ афзалияти хосро касб намудааст.

Ҷоннок намудан, тақвият бахшидан ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани кори ташкилотҳои ибтидоӣ, ки асоси ҳизб маҳсуб мешаванд, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки тайи солҳои охир дар тамоми ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ муқоисакунии аъзои ҳизб пайваста гузаронида мешавад. Тибқи фармоиши муовини якуми Раиси ҲХДТ дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати сабт, қайди дақиқ ва шаффофияти ҳаракати аъзои ҳизб дар робита ба роҳандозӣ намудани тадбирҳои роҳбарияти Ҳукумати кишвар барои гузаштан ба низоми “Ҳукумати электронӣ” ва дар амал татбиқ намудани талаботи Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои солҳои 2020-2027 Барномаи “Махзани ягонаи электронии аъзои ҳизб” таҳия ва бо қарори Раёсати КИМ тасдиқ ва татбиқ гардид.

Дар асоси супориши муовини якуми Раиси ҳизб Азизӣ Абдуҷаббор Абдуқаҳҳор акнун кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ба масъалаҳои дохилиҳизбӣ, махсусан қабули сифатноки аъзои ҳизб, татбиқи низомномаҳои ҳизбӣ, талаботи оинномавӣ ва барономавии ҳизб, сари вақт баргузор намудани маҷлисҳои кумитаҳои иҷроия ва ташкилотҳои ибтидоӣ, супоридани ҳаққи узвият, ба танзим даровардани ҳаракати аъзои ҳизб, иштироки фаъолона дар маъракаи обуна ба нашрияҳои ҳизбӣ, дуруст таҳия намудани ҳуҷҷатнигорӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои ҳизбӣ, риояи Одобномаи корманди ҳизб ва беҳбуд бахшидани шароити корӣ чораҷӯӣ намоянд

## РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОДА





Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби бештари хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу литсейҳо ва хатмкардагони солҳои қаблии ин муассисаҳои таълимӣ 4-уми марти соли 2023 “Рӯзи дарҳои кушода” баргузор карда шуд.

Хатмкунандагон бо заминаи моддӣ-техникии донишгоҳ, шарту шароити таълим, дастовардҳои илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, синфхонаю озмоишгоҳҳои бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳазгардонидашуда, китобхонаи илмӣ, парки технологии “Фановар”, студияи телевизиони донишгоҳии “Маърифат” ва ғайра шинос гардида, таассуроти нек бардоштанд.

Аз суҳбати хатмкунандагон бо роҳбарият ва сохторҳои гуногуни донишгоҳ, ки дар толори Шӯрои олимон баргузор шуд, маълум гардид, ки аксарияти онҳо майлу хоҳиши таҳсил кардан дар факултетҳои гуногуни ин боргоҳи илму маърифатро доранд.

**Р. МАСЪУД**





# ИЛОҶИ ВОҚЕА ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ



Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри таъмини зиндагии шоистаи мардум чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Тавре Пешвои муаззами миллат таъкид намуданд "Мо ҳар амали некеро, ки ба шукронаи истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ анҷом медиҳем, барои худамон, фарзандонамон, наслҳои ояндаамон, Ватани азизу маҳбубамон – Тоҷикистон мекунем, зеро ин Ватан ва ин давлат аз худи мост ва онро ба ҷойи мову шумо каси дигар обод намекунад".

Воқеан ҳамин тавр аст, касе Ватани моро ба ҷуз худи мо обод намекунад. Маҳз ба шарофати роҳбарии хирадмандона, саъю талош, иқдому ташаббусҳои сатҳи минтақавию ҷаҳонии Президенти маҳбуби кишвармон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирию ҷонибдории мардуми шарифи Тоҷикистон аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат, имрӯз Ватани азизи мо-Тоҷикистон боз ҳам ободу зеботар гардида, обрӯю нуфузаш дар арсаи байналмилалӣ хеле боло рафтааст. Вале ин пешравиҳо, ин ободию шукуфоӣ ва ин зиндагии орому осоиштаи мардумро хоинону душманони миллат, ки аз ҷониби хоҷагони хориҷии хеш маблағгузорӣ карда мешаванд, нодида гирифта, бо ҳар роҳу восита мехоҳанд, ки ҷавонони ноогоҳу камсаводро зери таъсири таассубу хурофотпарастӣ гузошта, онҳоро шомили ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ гардонанд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 13-уми марти соли 2018 дар мулоқот бо кормандони прокуратура қайд карданд, ки «Экстремизм ва терроризм аз ҷумлаи хатарҳои торафт вусъатёбандаи ҷаҳони муосир буда, мубориза бар зидди онҳо ҳамеша дар сарҳати вазифаҳои муҳимтарини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ қарор дорад.

Дар робита ба ин, таъкид гардид, ки нақши мақомоти прокуратура дар ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм бисёр муҳим мебошад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти прокуратура дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм чораҳои муассирро роҳандозӣ карда истодаанд. Чунончи, то ба имрӯз, бо пешниҳоди Прокуратураи генералӣ 25 созмону ҳаракат ва гурӯҳу равияҳо бо қарори суд экстремистиву террористӣ эътироф гардида, фаъолияташон дар Тоҷикистон манъ карда шудааст. Аз ҷумла, "Ҳизб-ут-Таҳрир", "Ал Қоида", "Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ", "Ҳизби исломии Туркистон", "Толибон", "Бародарони мусулмон", "Лашкари Тайиба", "Ҷамъияти исломии Покистон", "Ҷамъияти Таблиғ", "Ташкилоти динии миссионерии созмони Таблиғот", "Ҳаракати даъват ба Ислом", "Тоҷикистони озод", равияи "Салафия", ҷамоати "Ансоруллох", "гурӯҳи 24", "Давлати Исломии Ироқу Шом", "Ҷабҳату-ун-Нусра", "Ҳизби наҳзати исломӣ".

Инчунин, аввалин Стратегияи миллӣ оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм соли 2016 таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Айни ҳол, ин Стратегия дар таҳияи нав боз барои 5 соли дигар, яъне солҳои 2021-2025 қабул гардид ва тибқи нақша мавриди амал қарор дорад.

Илова бар ин, дар назди Прокуратураи генералӣ Ситод доир ба масъалаи пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ таъсис дода шуда, якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксари шаҳрвандони ба созмонҳои террористӣ шомилшуда муайян гардида, нисбат ба шахсони гунаҳгор чораҳои қонунӣ андешида шудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ кардани иштироки шаҳрвандони кишвар ва шахсони бешаҳрванд ба ҳайати воҳидҳои мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо ба Кодекси ҷиноятӣ моддаи алоҳида ворид гардида, дар эзоҳи он пешбинӣ карда шуд, ки шахсе, ки ихтиёран аз иштироки ғайриқонунӣ дар амалҳои зикршуда даст мекашад, агар дар кирдори ӯ аломатҳои таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд.

Мақсади муқаррароти зикршуда аз он иборат аст, ки шаҳрвандони гумроҳшудаи кишвар аз иштирок дар амалиёти мусаллаҳона дар қаламрави давлатҳои хориҷӣ даст кашида, ба Ватани худ, ба назди пайвандонашон баргарданд, фарзандони хешро ятим накунанд, ба заҳмати созанда машғул шаванд ва миллати тоҷикро дар арсаи ҷаҳон бадном насозанд.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки ба анҷом расидани задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди Ироқ ва Сурия маънии пурра барҳам хӯрдани ташкилоти террористии ба ном «Давлати исломӣ» ва дигар созмонҳои террористиро надорад ва набояд боиси хотирҷамъиву ғафлати сохтору мақомоти дахлдор гардад.

Новобаста аз он, ки солҳои охир содир шудани ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта ба маротиб кам шудааст, аммо чунин ҳолат набояд моро ором гузорад ва бояд дар роҳи пешгирию ошкор кардани ин қабил ҷиноятҳо, бахусус аз ҷониби ҷавонон дучанд фаъолият намоем.

Зеро, масъалаи ҷалби ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, ҳамчунин иштироки онҳо дар ҷангу муноқишаҳои давлатҳои хориҷӣ ба яке аз масъалаҳои доғи ҷомеа табдил ёфтааст.

Баъди дар давлатҳои Ироқу Сурия саркӯб шудани созмони террористии бо ном "Давлати Исломӣ" қисме аз шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки аъзои он буданд, барои идома додани амалҳои ҷинояткоронаи худ бо саркардагони собиқ ҳизби террористию экстремистии наҳзатӣ, дар қаламрави Афғонистон ҷамъ омадаанд.

Имрӯз мо хуб медонем, ки Ҳукумати қонунии Афғонистон аз ҷониби ташкилоти террористӣ-экстремистии "Ҳаракати Толибон" тасарруф гардидааст ва таҳти ҳимояи Толибон дигар ташкилотҳои террористӣ, ба монанди "Ҷамоати Ансоруллоҳ", "Давлати исломӣ" ва ғайраҳо ончо маскан гирифта, бо ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои худ нақшаҳои ғаразнокро тарҳрезӣ карда истодаанд.

Омӯзиши мавоДҳо нишон дод, ки дар аксар ҳолатҳо ҷавонон бо сабабҳои надоштани саводи зарурии дунявӣ ва маърифати ибтидоии динӣ, паст будани савияи дониш, мафкуравӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, майлу ҳоҳиши ба даст овардани маблағи муфт фирефта гардида, ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро шомил шудаанд.

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон дарк кардааст, ки дар паси ҳар матлаби ғаразноки баъзе расонаҳои хориҷӣ гурӯҳҳо ва ё қувваҳои алоҳида меистанд, ки барои онҳо ба хотири манфиатҳои сиёсиашон қурбон намудани инсонҳо кори саҳл мебошад. Чунин гурӯҳҳо ҷалби ҷавононро яке аз усулҳои таъсиррасонии мафкуравӣ истифода намуда, дар асоси ғояҳои динӣ-мазҳабӣ онҳоро ба майдони ҷатлу куштор мекашанд.

Дар бисёр ҳолатҳо шаҳрвандони мо барои ёфтани ҷавоб ба саволҳои норавшани динӣ ба руҳониёни алоҳида ва шабакаҳои интернетӣ рӯй оварда, ба доми таблиғотчиёни созмонҳои террористӣ-экстремистӣ меафтанд. Ин таблиғгарон муқаррароти Қуръони Маҷид, ҳадис ва дигар сарчашмаҳои дини мубини Исломро ғаразмандона таҳриф намуда, мурочиаткунандагонро ба беэҳтиромӣ нисбат ба қонунҳои дунявӣ ва иштирок дар «Ҷиҳод» даъват менамоянд.

Солҳои охир ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ-экстремистӣ ҷалб шудани ҷавонони синну солашон то 30 сола бештар ба назар мерасанд.

Таҳлил нишон дод, ки дар фитраи наврасони камсаводу гумроҳ ва гирифтори фанатизми наврасона ҷой кардани ғояҳои бофтаи ифротӣ осонтар аст.

Ин қабил ҷавонон на саводи казоии дунявӣ ва на саводи динӣ доранд, аммо бешармона нисбати давлату миллат таҳқиру бадгӯиҳо карда, фарҳанги гузаштаю имрӯзаи миллати тоҷикро паст зада, таҷлили Соли Нав, Наврӯз ва дигар ҷашнҳоро ҳаром мешуморанд.

Бино ба фатвои раиси Шӯрои уламои дини Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода: "Наврӯз иди покию тозакорист ва ҷашни миллӣ аст, бо дин ҳеҷ робитае надорад. Ҳамаи кишварҳои мусалмоннишину исломӣ идҳои миллии худро доранд ва ҳеҷ кас дар ин бора ҳукме намекунад".

Ҳамзамон номбурда қайд карданд, ки мардум Соли Наврo ҳамчун иди динӣ ё мазҳабӣ ҷашн намегиранд, балки Соли Нав ин фарорасии зимистон, хурсандии кӯдакон, ҷамъбаст ва падруди соли куҳан аст.

Аснои таҷлили Соли Нав ҳеҷ кас онро аз рӯи дини масеҳӣ ҷашн намегирад, балки барои мо Соли Нав сирф хусусияти идона дорад.

Ҳолати дигар, ки имрӯз боиси нигаронӣ аст, ин то ҳанӯз дар муассисаҳои динии кишварҳои хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифтани шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад. Зеро аксари чунин шаҳрвандон зимни гирифтани таълимоти динӣ фирефтаи гурӯҳҳои ифротӣ ва шомили ташкилотҳои террористӣ гашта, дар ниҳояти кор дар муноқишаҳои мусаллаҳонаи дигар давлатҳо иштирок менамоянд.

Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда, наздики 200-нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ, ки дар хориҷи кишвар ба таҳсилоти ғайрирасмии динӣ фаро гирифта шуда буданд, ба ташкилотҳои террористиву экстремистӣ шомил гардиданд, ки нисбати онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва тафтиш карда шуда, аксарияти онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Аз ин лиҳоз, ҳолати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар» зери назорати доимии Прокуратураи генералӣ ва прокуророни поёнӣ қарор дошта, масъалаи мазкур мунтазам санҷиш ва аз натиҷааш чораандешӣ карда мешавад.

Мутаассифона, то ҳол ин гуна толибилмон чунин таҳсилро давом дода истодаанд, ки андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати баргардонидани онҳо дар ҳамбастагӣ бо дигар ниҳодҳои давлатӣ идома дорад.

Мо бояд бахри пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ ва гурӯҳҳои террористӣ, иштироки онҳо дар ҷангу муноқишаҳои давлатҳои хориҷӣ, таҳсилоти ғайрирасмии динӣ дар хориҷи кишвар, ки яке аз сарчашмаҳои асосии шомилшавии шаҳрвандон ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ мебошад, инчунин азхудкунии донишҳои зарурии дунявӣ ва маърифати ибтидоии динии ҷавонон саҳмгузор бошем.

Аз ин рӯ, ба ҳар яки мо зарур аст, ки тамоми аклу заковат, дониш ва таҷрибаи ҳаётии худро ба он равона созем, ки ҳолатҳои шомилшавии ҷавононро ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ пешгирӣ намуда, ҷиҳати аз байн бурдани онҳо муваффақ гардем. Охир, беҳуда нагуфтаанд, ки илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ.

**Ш. ОДИНАЗОДА,**
**прокурори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 1**

# ТАРБИЯИ СОЛИМИ ФАРЗАНДОН - ОЯНДАИ НЕКИ ҶОМЕА

Дар ҳар асру замон оила барои ояндаи ҳар миллат ҳамчун хишти аввали қасри маънавиёт ба ҳисоб меравад. Тарбияти солими фарзандон, парвариши рӯҳиёти нек ва ахлоқи ҳамида дар онҳо беш аз ҳама ба фазои маънавӣ-ахлоқии хонавода, муҳити солими иҷтимоӣ ва барномаи комили фарҳангӣ ва ё таълимӣ, ки ҳамсоз бо фитрати инсон бошад, ниёз дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (14 декабри соли 2010) барҳақ қайд намудаанд: «Аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни мо ба тарбияи фарзанд аҳаммияти хоса зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш менамуданд».

Ба мо омӯзгорон низ зарур аст, ки дар баробари мавзӯъҳои таълимӣ он роҳу усулҳои таълиму тарбия, ки як масъалаи муҳимми фарҳанги ин миллат аст ва садсолаҳо инҷониб таълим дода мешавад, дар китобҳои фарзандони фарзонаи миллатамон аз даврони бостон бо номи «Андарзнома», «Насиҳатнома», «Қобуснома», «Саодатнома» ва усули таълими Унсурулмаолии Кайковус, Имом Ғаззолӣ, Форобӣ, Буалӣ Сино, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ сармашқи кори худ намуда, донишҷӯёнро аз таълимоти арзишманди онҳо бархурдор намоем.

Ин таъкидест ба дуруст тарбия кардану дуруст таълим додан. Аҳли илму адаб ҳар кадом аз ин асарҳо ва донишмандони зикршударо бо ифтихор ёд мекунанд. Онҳо дар анҷоми амалҳои неки инсонӣ ва муносибати некбинонаи кӯдак ба падару модар афкори баргузида доранд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Муҳаммад Ғаззолӣ гуфтаи хуберо иқтибос кардаанд, ки он чунин аст: «Фарзанд дар дасти падару модар амонат аст. Ӯ дили чун оина поку нақшпазир дорад. Ҳар нақше, ки ба ӯ мегузорӣ чун мушк бо худ мегирад. Кӯдак чун замин пок аст, ҳар тухме, ки дар ӯ мегузорӣ мерӯяд. Агар он тухм хайру некӣ бошад, кӯдак ба саодати дину дунё бирасад, падару модар ва муаллим дар он шарик бошанд. Ва агар бадӣ бошад ва ё онро ба ҳоли худ бигузорӣ то ҳарчӣ хоҳад бикунад ва бо ҳар кӣ хоҳад бинишинад, ҳаргиз аз ӯ умеди некӣ накун».



Волидон — падару модар аввалину охирин ва умуман тарбиятгарони якумраи фарзандони худ мебошанд. Онҳо натанҳо фарзандро ҳаёт мебахшанд, инчунин таҷрибаи зиндагӣ, фарҳангу арзишҳои тарбиявии худро ба онҳо дода, насли ояндаро ба ҳаёт, зиндагӣ, меҳнат омода месозанд. Махсусан модар бо ахлоқу рафтори дурусти худ бояд намунаи барҷаста барои фарзанд бошад ва дар тарбияи фарзанд нақши муассири худро фаромӯш накунад. Фарзанд дар даврони кӯдакӣ вобаста ба модар аст, аз ин сабаб нақши модар нисбат ба падар таъсири бештар дорад.

Модарон бояд ба нақшу таъсири худ бовар дошта бошанд ва дар тарбияи фарзанди хеш аз ҳеҷ талоше дареғ наварзанд. Муҳаммад Иқбол дар мавзӯи нақши модар дар тарбияи фарзанд мегӯяд:

**Кӯдак ҳар он чӣ дорад, аз оғуши модар аст,**
**Гар зишт бошаду агараш нек, ахтар аст.**
**Хӯе, ки аз нахуст касеро ба сар нишаст,**
**Ӯро ҳамвора то дами марг дар бар аст.**
**Дар дафтари муаллиму омӯзгор нест,**
**Он тарбият, ки зодаи домони модар аст.**
**Рафтори модар аз пайи сармашқи кӯдакон**
**Беҳтар зи ҳар китобу зи ҳар гуна дафтар аст.**

Домони модар нахустин мактаб ва аввалин пойгоҳи тарбиятӣ аст ва кӯдак ончиро, ки дар ин мадраса меомӯзад барои ҳамеша дар наздаш мемонад. Аз нигоҳи илмӣ низ имрӯз исбот шудааст, ки 85%-и тарбия марбути модар аст ва танҳо 15% аз падар вобастааст, зеро модар дорои сифоте чун сабру таҳаммул, рифқу нармӣ, ҳилму меҳрубонӣ ва одати зиёд сухан гуфтанро дорад, ки ба тамоми пурсишҳои фарзанд ҷавоб дода, аз суҳбат кардан бо кӯдак хаста намешавад.

Оила муҳимтарин маконест, ки инсон дар он ҳурмату эҳтиром нисбат ба падару модар ва рафтори бомурувватро дар муносибат бо дигарон меомӯзад. Аммо онҳое, ки дар оила аз ҳамагуна фазилатҳо маҳрум мемонанд ва «ноқис» тарбият мееёбанд, боиси сар задании ноҳушиҳо дар ҷамъият мегарданд. Ҳар қадаре, ки оила сиҳату солим бошад, насли оянда низ ҳамон қадар хуб ба воя мерасад ва барои миллат манфиатҳо меоварад. Дар акси ҳол дар оила фарзандоне ба воя мерасанд, ки нисбат ба оила ва ҷамъият рӯҳияи душманӣ касб мекунанд.

Дар робита бо ин мавзӯъ Фатҳуллоҳ Гюлен қайд мекунад, ки агар инсоният имрӯз аз нав дар фикри ҳаёти хушу осуда бошад, чунин осоиштагиро тавассути солим нигоҳ доштани оила ба даст овардан мумкин аст. Зеро оилаи солим муассисаи муқаддас мебошад, ки хушиву осоиштагии инсонро таъмин мекунад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки: «Беҳбудии сифати таълиму тарбияи насли наврас бояд дар маркази диққати ҳар як оила ва падару модар қарор дошта бошад. Оила дар тарбия ва донишандӯзии фарзандони худ ҳамеша бо муассисаҳои таълимӣ дар тамос шуда, масъулияти ҷиддӣ эҳсос намоянд. Тарбияи насли наврас кори аҳли ҷомеа аст».

Орифи бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нақши падару модар ва устодро дар тарбияи дурусти фарзанд муҳим дониста, таъкид менамояд, ки онҳо бояд аҳли хайр ва салоҳ бошанд, то ки таъсири неки онҳо ба фарзанд гузарад. Ӯ дар «Захират-ул-мулук»-аш таъкид менамояд, ки ба тарбияи ахлоқии фарзанд аз синни хурдсолиаш машғул бояд шуд: «Ва чун модару падар ба ҳукми шафқат фарзандро дар ҳолати сиғари он аз офати обу оташ нигоҳ медоранд, то ҳалок нашавад ва аз ҳалокати оташи онҷаҳонӣ виқоят кардан авлотараст, то ки ба ҳалокати абадӣ гирифтор нашавад. Ва ин виқоят он бошад, ки фарзандонро аз хурдӣ маҳосини ахлоқ таълим кунанд ва аз муҳолитати қуранои сӯъ (рафиқони бад) нигоҳ доранд ва ба зиннати дунё нафиребанд ва танаъъумро одати ӯ насозанд».

Имрӯз, ки Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар роҳи эъмори ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад, тарбияи насли наврас аз муҳимтарин фишангҳои ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Тарбияи фарзандон ҳамчун созандагони ҷомеаи навин бар дӯши муассисаҳои томактабӣ, мактаб, ҷомеа, давлат ва пеш аз ҳама оила — падару модар гузошта шудааст. Онҳо бояд дар ташаккули ҳамаҷонибаи фарзандони миллат масъулият эҳсос кунанд.

**Фарзона МИРЗОЕВА,**
**муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ**

# ЗИНДАГӢ МАҶМУАИ БЕШУ КАМИСТ...

**Вақтро ғанимат дон он қадар, ки битвонӣ,**
**Ҳосил зи ҳаёт, эй ҷон, як дам аст то донӣ.**

Дар воқеъ умри инсон мисли баҳору хазон аст, ки рӯз ба рӯз ва дақиқа ба дақиқа кам мегардад. Аз ин рӯ, умрро тавре бояд гузаронд, ки ширину гуворо ва пур аз некиву накукориҳо бошад. Ба қавли шоир тавре бояд зист, ки вақти реҳлатат ҳама гирён бошанду ту хандон...

Аз оғози офариниши ҳаёт инсоният ба монеаю мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гашта, танҳо ба воситаи тафаккур, идрок ва иродаи матин метавонад хешро аз ҳама гуна хавфу хатарҳои беруна муҳофизат созад. Ба мисле, ки буттаеро зери хок мешинонему ба нигоҳубинаш мепардозем, то ин ки аз он ниҳоли босамаре ҳосил гардад ва мо инсонҳо шабоҳат ба ана ҳамин ниҳол дорем. Агар мову шуморо хуб ба воя расонанд, пас аз таваллуд метавон аз мову шумо як шахсияти некному бузурге дар ҷомеа сохт ва тарбия намуд.

Имрӯзҳо дар сайёраи мо нафарони муваффақу комёб кам нестанд ва бояд гуфт, ки онҳо на яку якбора соҳиби молу сарват ва шуҳрат гаштаанд, балки ҳамаи зинаҳои ҳаётро паси сар намуда, сипас комёб шудаанд.

Имрӯз аксари ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҷавонон ташкил медиҳад, ки давомдиҳандаи ташаббусҳои наҷиби падарону бобоёни шуҳратманд ва созандагони имрӯзу фардои ҷомеа ба шумор мераванд.

Чуноне Фридрих Шиллер мефармояд: “Ҳамеша ончиро бигу, ки ҳис мекунӣ ва ончиро бикун, ки фикр мекунӣ, хомӯшӣ тақдирро мекушад”. Тақдири мо инсонҳо ба дасти худи мост, ҳар гунае, ки хоҳем ҳамон гуна ҳаёти худро месозем. Дар ҳаёту тақдири хеш дигаронро гунаҳгор бояд наҳисобем, балки худи мо гунаҳгор ҳастем, ки тақдири худро ба дасти дигарон месупорем. Ояндаи худро бояд имрӯз сохт. Чуноне ки Корон мефармояд: “Ҳар як одам ҳамаи ончизеро ба даст меорад, ки барояш кӯшиш кардааст”. Албатта, тамоми бурду бохти мо дар зиндагонӣ тавассути кӯшиш кардан ба даст меояд.

Муваффақияти мо дар он аст, ки мо аз худ чизеро сохта бошем ва қадаме ба пеш гузошта бошем. Ягона душмани инсоният ин тарс аст, ки ӯро мешиканад, бояд мо равандҳои стрессиро аз худ дур созем ва хешро ҳамчун ғаюру далер нишон дода тавонем, чуноне ки дар урфият гуфтаанд: «Тарсидӣ мурдӣ, натарсидӣ бурдӣ». Воқеан, ин гуфтаҳои мардумӣ беҳуда нест, зеро зиндагӣ идома дорад то он даме, ки нафас ҳаст, инсон бояд дар ҳаёт мубориз бошад, дар пеши худ ҳадаф гузорад, онро ба нишон расонад ва ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода нашавад.

**Зиндагӣ маҷмуаи бешу камист,**
**Лек ҳар шаб дар само маҳтоб нест.**

**Мунаввара НАҶМИДДИНОВА,**
**корманди китобхонаи илмии ДТТ**

## СУХАНИ РӮЗ

**Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,**
**Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.**
**Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,**
**То тоҷи наберагони Одам бошӣ.**

**Ҷалолуддини Балхӣ**

## БАҲОРОН ШУД

**Баҳор омад, баҳори дил шукуфон шуд,**
**Лаби гул во шуду гулғунча хандон шуд.**
**Ту дунёро бубин, дунё гулафшон шуд,**
**Ҳама кӯҳу камар мисли гулистон шуд,**
**Кунун айёми ишқу аҳду паймон шуд,**
**Баҳорон шуд, баҳорон шуд, баҳорон шуд.**

**Навои кӯҳу савти чангу тор омад,**
**Садои хандаю гулбазми ёр омад.**
**Ҳама гулгун бигашту гул ба бор омад,**
**Барои чидани гул Гулбаҳор омад,**
**Само абрӣ бигашту резаборон шуд,**
**Баҳорон шуд, баҳорон шуд, баҳорон шуд.**

**Баҳор омад, биё ёри чаканпӯшам,**
**Туро дар боғи дил гирам ба оғӯшам,**
**Биё, то аз майи ҷоми лабат нӯшам,**
**Шавад то лаҳзае дунё фаромӯшам,**
**Биё, ки булбули шайдо ғазалхон шуд,**
**Баҳорон шуд, баҳорон шуд, баҳорон шуд.**

**Неъмат ҲАБИБ**

## НАВРӮЗИ ДИЁР

**Дашту даман пур аз гул,**
**Боғу чаман пур аз гул.**
**Наврӯз фасли гулу гул,**
**Чаҳ-чаҳ мезанад булбул.**

**Дар дашту даман лола,**
**Дар боғу чаман лола.**
**Дар чеҳраи ту лола,**
**Дар домани ман лола.**

**Гули баҳор аст лола,**
**Лола духтари хола.**
**Лола чинад аз ёла**
**Лола барои хола.**

**“Наврӯзгоҳ” шуд пурлола,**
**Дар «Боғи ирам» лола.**
**Дар даштҳои Данғара,**
**Лола шукуфт яксара**

**С. БАХРИНИСО**

## ОЁ МЕДОНЕД?

Танҳо тутӣ ва харгӯш сарашонро нагардонда, паси худро мебинанд.

***

Англисзабонҳо дар Чин нисбат ба Амрико бештар аст.

***

Ҳашаротҳо низ дар хунукӣ ба мисли инсон меларзанд.

***

Тухми сурх ва сиёҳи моҳӣ барои майнаи сари инсон фоидаовар аст.

***

Суҳбат бо худ зеҳнро инкишоф медиҳад.

***

Бомбаи атомӣ зиёда аз 2000 маротиба санҷида шудааст.

***

Чашмони Эйнштейн дар Ню-Йорк нигоҳ дошта мешавад.

***

17-уми ноябр рӯзи муҳофизати гурбаҳои сиёҳ аст.

***

Майнаи сари занон нисбат ба мардон ба хоби бештар ниёз дорад.

***

Дар Кореяи Шимолӣ шаҳрванд барои мӯи худро ранг кардан аз ВКД иҷозат мегирад.

***

Ҳавопаймо дар як дақиқа 15 км. парвоз мекунад.

***

Одамони чашмкабуд дар торикӣ беҳтар мебинанд.

**Таҳияи Т. Юсуфӣ**

## ИФТИХОРИ МО



18-уми феврали соли 2023 дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Артиши миллӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани “Гӯштини миллӣ-Гӯштингирӣ” мусобиқаи кушод байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе баргузор шуд. Дар ин мусобиқа донишҷӯи курси 4-уми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ихтисоси 1-49010202-технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ Сайдамон Ҷабборов маҳорати баланди варзишӣ нишон дода, сазовори ҷойи 3-юм, медали биринҷӣ ва Ифтихорнома гардид.

## НАВИШТАЕ БАРОБАРИ ЯК КИТОБ

Дар пештоқи Донишгоҳи Стелленбоси Африқои Ҷанубӣ лавҳае бо чунин навиштаҳо овезон аст:

“Барои маҳв кардани миллат бомбаи атомӣ ва ё мушакҳои дурпарвозкунанда лозим нест. Танҳо сифати таълимро паст карда, ба тақаллуб дар илм роҳ диҳед, кофист. Дар натиҷа:

- беморон аз дасти табибони бесавод мемиранд;
- биноҳо аз дасти меъморони беҳавсала фурӯ меравад;
- маблағҳо аз дасти иқтисодчиёну муҳосибони бетаҷриба ба бод мераванд;
- адолат аз дасти полиси бевиҷдон нест мешавад”

**Таҳияи Мунисаи Раҳим**

**Маъруфтарин олимони таърихи башарият**

## ИСААК НЮТОН



Исаак Нютон аз кӯдакӣ чандон саломатии хуб надошт, бештари вақт танҳо менишаст ва ба хондани китоб машғул мешуд. Модараш мехост, ки ӯ дар баробари таҳсил, ба корҳои хоҷагӣ низ ёрӣ расонад, вале омӯзгорон аз шогирди боистеъдод хиҳмоя намуданд, то ки пайваста биомӯзад. Баъд ӯ донишҷӯи Кембриҷ шуд.

Натиҷаи корҳои илмии ин олим, аз ҷумла назарияи ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ, қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ, се қонуни механикаи классикӣ, гипотезаи Замин, ки начандон доирашакл аст, инкишофи низоми илмӣ дар низоми оптика, омӯзиши суръати садо дар ҷаҳон бесобиқаанд.

**Таҳияи Раҷабалӣ Исматуллоев**

## ЙОГА – МАШҒУЛИЯТИ ПУРСАРУСАДОИ САРВАЗИРИ ҲИНДУСТОН



Аз чеҳраҳои шавковартарини сиёсати ҷаҳон Нерендра Модӣ, Сарвазири 72 – солаи Ҷумҳурии Ҳиндустон мебошад, ки бо кунҷковӣ, серғайратӣ ва неруи воло аз дигарон фарқ мекунад.

Номбурда пеш аз интихобот (2014) бо мардуми 1,5 миллиардаи Ҳиндустон 440 воҳӯрӣ гузаронд. Дар чунин воҳӯриҳо, ки садҳо ҳазор шаҳрвандро фаро мегирифт, соатҳо аз баландгӯяк сухан гуфта, бо онҳо саволу ҷавоб кард.

Боре ногаҳон даъвати вазири кор бо ҷавонон ва варзиши кишвар Раҷвардхон Сингхро дар Twitter пазируфта, навори бо йога машғул шуданашро ба тамошо гузошт. Ин навор тамошои миллиардҳо нафарро дар пай дошт ва сарвазирро боз ҳам маъруфтар кард.

**Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур**

## БОВАР МЕКУНЕД!?

- Пикасоро ҳангоми таваллуд мурда пиндоштаанд.

***

- Калонтарин ҳаққи қаламро бори нахуст Ҷулия Робертс ҳунарманди амрикоӣ гирифтааст, ки 20 млн доллар буд.

***

- Генри Форд, ки соҳибкори муваффақи ҷаҳонист, маълумоти миёнаи таҳсилот дорад.

***

- Малика Анна модари 17 фарзанд буд.

***

- Моцарт то 35 – солагӣ 600 асари мусиқӣ эҷод намуд.

***

- Бред Пит ҳунарманд ва продюсери машҳури амрикоӣ, лауреати “Глобуси тиллоӣ” ва барандаи ҷоизаи “Оскар” аввалин нақшашро дар кӯча бо либоси “ҷӯҷа” бозидааст.

***

- Чайковский маълумоти ҳуқуқшиносӣ дошт.

***

- Парчами миллии итолиявиҳо маҳсули андешаи Наполеон Бонапарт аст.

**Таҳияи Фарзона ФАЙЗАЛӢ**

Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ӯҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1574 нусха*